Тасдиқ карда шудааст
Аз тарафи Маҷлиси умумии ТҶ “Хуршед”
Суратҷаласаи №_01 аз 25 январи с. 2022

# СИЁСАТИ

**бархӯрди манфиатҳо дар**
**Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршед”**

**Душанбе**
**2022**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Сиёсати бархӯрди манфиатҳо (минбаъд - Сиёсат) дар Ташкилоти ҷамъиятии “Хуршед” (минбаъд - Ташкилот) мақсад ва вазифаҳои асосӣ, инчунин чораҳои ошкор кардан, пешгирӣ ва батанзимдарории бархӯрди манфиатҳое, ки дар Ташкилот ба амал меоянд, муқаррар менамояд.
1.2. Сиёсати мазкур дар асоси талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ташкилот тартиб дода шудааст.
1.3. Талаботҳои сиёсати мазкур бояд ҳатман аз ҷониби ҳамаи кормандон, аъзоёни Ташкилот ва шахсони дигари ба онҳо баробаркардашуда (кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот), (минбаъд - Корманд ва ё аъзои Ташкилот ва дар шакли ҷамъ Кормандон ва ё аъзоёни Ташкилот) риоя карда шаванд.

## 2. ИСТИЛОҲҲО ВА ИХТИСОРҲО

**Бархӯрди манфиатҳо** – ин ҳолати манфиатдории шахсии корманд ва ё аъзои Ташкилот, ки метавонад ба иҷрои вазифаҳо ва ба раванди қабули қарор ва ё раванди амалигардонии фаъолият таъсир расонад ва ҳамин тавр ба манфиатҳои Ташкилот зарар расонад.

**Манфиати шахсӣ** - ҳама гуна манфиати моддӣ ва ғайримоддӣ, ки корманд ва ё аъзои Ташкилот бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии худ ё шахсони сеюм дар натиҷаи содир намудани амал ё беамалӣ дар муносибат бо шахсони наздик, дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, маблағгузор ва ё ташкилотҳои байналмилалӣ мегиранд ё кӯшиши гирифтан мекунанд.

## 3. САТҲҲОИ ПАЙДОИШИ БАРХӮРДИ МАНФИАТҲО

***3.3. Бархӯрди манфиатҳо дар чунин сатҳҳо метавонад пайдо гардад:***
**3.3.1. Раёсати Ташкилот**, ҳангоме, ки манфиатҳои шахсии аъзои Раёсати Ташкилот аз манфиатҳои Ташкилот боло меистанд ва дар натиҷа принсипҳои фаъолияти Ташкилот вайрон мегарданд. Ҳолате метавонад бархӯрди манфиатҳо шуморида шавад, ки аъзои Раёсати Ташкилот ваколату салоҳиятҳои худро истифода бурда қарорҳои молиявие мебарорад, ки он ба манфиати шахсии худи аъзои Раёсат ва ё хешовандони наздикӣ ӯ мебошад.

**3.3.2. Аъзоён ва кормандони Ташкилот**, ҳангоме, ки манфиати аъзоён ва кормандони Ташкилот аз манфиати Ташкилот боло меистад ва дар натиҷа принсипҳои муътадили фаъолияти Ташкилот вайрон мегардад.

## 4. ҲАДАФИ СИЁСАТИ БАРХӮРДИ МАНФИАТҲО

4.1. Ҳадафи ин сиёсат аз инҳо иборат мебошад:

• Таъмини амалигардонии қарорҳо оид ба амалиётҳои Ташкилоти ҷамиятии "Хуршед", инчунин истифода ё ихтиёрдории моликияти Ташкилот танҳо бо манфиати Ташкилот ва мақсадҳои оинномавии он, ҳамчунин пешгирии таъсири ҳама гуна манфиатҳои шахсӣ (моддӣ ва ғайраҳо) аз ҷониби кормандон ва ё аъзоёни Ташкилот.

• Ҳимояи Ташкилот аз оқибатҳои амалҳои номуносиби воқеӣ, ҳангоме, ки корманди Ташкилот манфиатҳои шахсии (моддӣ ва ғайраҳо) худро аз манфиатҳои Ташкилот боло мегузорад.

• Пешгирии баҳодии манфии ҷамъият ба Ташкилот, аз даст додани боварӣ ва ё зарар расонидан ба обрӯву эътибори кории Ташкилот дар натиҷаи ба миён омадани низои манфиатҳо, бахусус дар ҳолати пинҳон нигоҳдоштан ва ё батанзимдарории ғайрисамараноки он.

**Ёддоштнома:** Ташкилот принсипи таҳаммулнопазирии мутлақро нисбат ба вайронкунии меъёрҳои рафтори ахлоқӣ нисбат ба ҳамкорон, гурӯҳҳои мақсаднок ва дигар шарикон ба роҳ мондааст. Ин маънои онро дорад, ки Ташкилот уҳдадорӣ мегирад, ки оид ба баҳодиҳӣ, таҳқиқ ва батанзимдарории ҳама гуна қоидавайронкуниҳои арзшуда қадамҳои усутвор мегузорад. Агар ба Шумо ягон ҳолатҳо оиди ин масъалаҳо маълум бошанд ва ё Шумо оиди мавҷудияти онҳо шубҳа доред, Шумо уҳдадор мешавед, ки маълумотҳо оид ба қоидавайронкунӣ ва бархӯрди манфиатҳои мавҷударо дар назди роҳбарият ошкор созед.

## 5. Соҳаи фарогирӣ

Сиёсати мазкур ба ҳамаи кормандони Ташкилот, аз ҷумла кормандони кироя, шахсоне, ки бо шартномаҳои хизматрасонӣ ба Ташкилот хизматрасонӣ мекунанд, ҳамчунин ба аъзои Раёсати ташкилот ва тамоми аъзоёни Ташкилот татбиқ карда мешавад.

## 6. Эълони принсипҳо

***6.1. Принсипҳо:*** Кормандон ва ё аъзоёни Ташкилот уҳдадоранд, ки оид ба мавҷудияти воқеӣ ва эҳтимолии пайдошавии бархӯрди манфиатҳо ва ё он ҳолатҳое, ки шояд ҳамчун бархӯрди манфиатҳо эътироф гарданд, хабар диҳанд. Ба кормандон ва аъзоёни ташкилот ба таври ҷиддӣ вайронкунии чунин принсипҳо манъ карда мешавад:

1. ***Сӯйистифода:*** Гирифтани фоидаи шахсӣ аз қарор ё содир намудани чунин амале, ки обрӯву эътибори кории Ташкилот ва меъёрҳои ахлоқии таҷрибаи кориро дар мадди аввал намегузорад.
2. ***Пинҳон кардани иттилоот:*** расонидани зарар ва ё таҳдиди расонидани зарар ба Ташкилот дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳо ё пайдошавии бархӯрди манфиатҳо.

3. ***Дасткашӣ аз батанзимдарории низоъ ва ё бархӯрд:*** давом додани минбаъдаи низоъ дар ҳолате, ки Ташкилот талаб дорад то он бартараф карда шавад ва ё ҳолати низоъиро тарк намояд.

Иттилооти муфассал оид ба сӯистифода, ошкор намудани иттилоот ва бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо:

***1.1. Сӯистифода:*** Аъзои Ташкилот, аъзои Раёсати Ташкилот ва кормандони он ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи худ, дониши худ ва ваколатҳои худ дар Ташкилотро бо мақсади гирифтани фоидаи шахсӣ истифода баранд. Истифодаи барқасадонаи бархӯрди манфиатҳо дар ташкилот бо коррупсия ва қаллобӣ баробар карда мешавад.

***1.2. Ошкор намудани иттилоот:*** Корманд ва ё аъзои Ташкилот ухдадор аст, ки оид ба мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо ва ё эҳтимоли пайдошавии он ба мақомоти дахлдори Ташкилот – Директори иҷроия ва ё Раиси Раёсати Ташкилот хабар диҳад.

a. Ба саҳми мақомотҳои дахлдор расонидани иттилоот оид бо дилхоҳ бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо бояд то лаҳзаи анҷоми аҳд ва ё ҳамкорие, ки ба фоидаи шахси оварда мерасонад, ба амал бароварда шавад. Ошкори пешакии иттилоот оид ба бархӯрди манфиатҳо бояд ҳамин тавр ба амал бароварда шавад, ки барои пешгирии он чораҳои заррурӣ андешидан имконпазир бошад.

b. Ба уҳдадории кормандон ва аъзоёни Ташкилот хабар додан оид ба дилхоҳ бархӯрдҳо дар Ташкилот дохил мешавад.

c. Саривақт дарк накардан ва ё ошкор карда натавонистани бархӯрди манфиатҳои шахсӣ кормандон ва аъзоёни Ташкилотро аз ҷавобгарӣ барои бархӯрди манфиатҳо ва ё оқибатҳои он озод намекунад.

d. Дар ҳолатҳое, ки аъзои Ташкилот ва кормандони он бо бархӯрди манфиатҳое, ки дар ин Сиёсат инъикос нагардидаанд дучор мешаванд, лекин онҳо оиди он шубҳа пайдо мекунанд, уҳдадор мешаванд, ки оиди ин ҳолат ба мақомоти дахлдори Ташкилот муроҷиат намояд.

***1.3. Бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо:*** Дар ҳолати мавҷуд будани бархӯрди воқеӣ ва ё эҳтимолии манфиатҳо Ташкилот бояд ба корманд ва ё аъзои дахлдори худ оиди қадамҳои минбаъда дастур диҳад, то ки ҳолати низоъии мавҷуда бартараф карда шавад.

Кормандон ва аъзоёни Ташкилот бояд амалҳои лозимаро барои бартараф намудани низоъ андешанд. Риоя накардани чунин талаботҳо ва дастурҳо метавонанд ба чораҳои интизомӣ ҳатто то озодкунӣ аз вазифа оварда расонад.

## 7. ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ КАРДАНИ БАРХӮРДИ МАНФИАТҲО

7.1. Ба кормандони Ташкилот манъ аст:

- Сӯиистифода аз мансаби ишғолкарда дар Ташкилот ё истифодабарии маълумоте, ки дар вақти иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ ба манфиати худ,

инчунин ба манфиати оилаи худ, дӯстон ё шахсони шинос ба даст омадааст,  ё ба мақсади зарар расонидан ба Ташкилот;

- Иштирок намудан дар фаъолияте, ки метавонад ба манфиати Ташкилот бархӯрд шавад;
- Ошкор намудани маълумотҳои тибқи қонун ҳифзшавандаи Ташкилот, инчунин сирри ҳамкорон, ки Ташкилот бо онҳо муносибатҳои ҳамкорӣ дорад;
- Қабул намудани ҳама намуди тӯҳфаҳо аз шахсоне, ки  бо корманд ва аъзоёни Ташкилот муносибатҳои шахсӣ доранд, ё барои барпо намудани ин муносибатҳо кӯшиш мекунанд, ба истиснои тӯҳфаҳое, ки ба нишонаи Ташкилот аз номи  ҳамкорон ва мизоҷон омадааст;
- Аз номи Ташкилот иштирок намудан дар қабули қарор нисбати Ташкилот ҳангоме, ки манфиати шахсӣ, оилавӣ ва ё корӣ вуҷуд дорад.

7.2. Ба тобеияти бевосита ба кор қабул намудани кормандеро, ки муносибатҳои хешовандӣ дорад манъ аст, агар корманди қабулшуда ба роҳбари бевосита муносибатҳои хешовандии зерин дошта бошад: зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, келинҳо, домодҳо, ҷиянҳо, инчунин шахсони дигар, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва ё хоҷагии умумӣ мебаранд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

8.1. Ҳамаи аъзоён ва кормандони Ташкилот ҳангоми қабул ба кор ва минбаъд ҳар сол уҳдадоранд, ки забонхат оиди шинос гардидан бо Сиёсати бархӯрди манфиатҳоро имзо гузоранд ва ҳамчунин Шакли муқарраршуда "Оид ба ошкор намудани иттилоот"-ро имзо гузоранд.
8.2. Аз ҷониби Комиссияи тафтишотӣ на кам аз як маротиба дар як сол оиди аз ҷониби кормандон ва аъзоёни Ташкилот риоя карда шудани Сиёсати мазкур санҷиш гузаронида мешавад ва барои дида баромадан ба Маҷлиси умумӣ ҳисобот пешниҳод мегардад.
8.3. Ҳар як корманд ва аъзоёни Ташкилот барои риояи талаботҳои Сиёсати мазкур мувофиқи қонунгузории амалкунандаи  Ҷумҳурии Тоҷикистон  масъул аст.